**Такриз**

**ба кори диссертатсионии Салимов Аслиддин Иномҷонович дар мавзӯи "Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Салимов Аслиддин Иномҷонович – муаллими калони кафедраи фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба омӯзиши таърихи фалсафа машғул аст. Дар ин давра диссертант маводҳои зиёдеро оиди эҷодиёти муттафакирони тоҷик, ки ба проблемаҳои баробарии иҷтимоӣ сару кор доштанд, ҷамъоварӣ ва ҷобаҷогузорӣ намуд. Натиҷаи таҳқиқот ва ҷустуҷӯҳои ӯ дар мақолаҳои илмӣ оиди баробарии иҷтимоӣ ва масъалаҳои вобаста ба он дарҷ гардидаанд.

Кори диссертатсионии Салимов И.А. "Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик" ба муайян намудани хусусияти мафҳуми баробарии иҷтимоӣ дар таърихи фалсафа ва шуури ҷамъиятиву сиёсии ҷомеа нигаронида шудааст. Яке аз хусусиятҳои муҳими мавзӯи интихобшуда, пеш аз ҳама, дар омӯзиши зиддиятҳои синфии дар тараққиёти эҳёи инсоният дар ҳазорсолаи охир ба вуқӯъ омада, таҷассум мееёбанд. Чунонки маълум аст, дар ҳамон даврае, ки инсоният аз ташкилоти ибтидоии ҷамъиятӣ ба муносибатҳои ҷомеавӣ рӯ ба рӯ шуд, нобаробариҳои ҷамъиятӣ ва истисмори одамро аз тарафи одам дарк намуд. Аз ин сабаб бо гузашти ҳазорсолаҳо моҳияти баробарии иҷтимоӣ бо тамоми тазоҳуроти худ дар тавағҷӯҳи файласуфон, сиёсатмадорон ва иқтисочиён қарор гирифтааст.

Чи тавре, ки диссертант иброз медорад, равандҳои фаъоли трансформатсионии дар ҳаёти имрӯза мавҷуд буда, барои пайдо шудани як қатор масъалаҳои муҳим дар маънавиёт ва озодӣ, маҷбур месозад, ки мо осори гузаштагонро омӯхта моҳияти ин масъалаҳоро дарк намоем.

Аз ин лиҳоз, гарчанде, масъалаҳои баробарии иҷтимоӣ дар осори мутафаккирони гузашта, характери утопиявӣ дошта бошанд ҳам, дар таърихи фалсафаи бостон ва асримиёнагии тоҷик, таҳқиқи ин мавзӯъ дар ҷомеаи муосир зери омӯзиш қарор мегирад.

Навгонии илмии мавзуи Салимов А.И. "Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик" дар он аст, ки аввалин маротиба дар илми фалсафаи тоҷик ба тарики монографӣ масъалаҳои идеали баробарии иҷтимоӣ дар таърихи фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик аз нуқтаи назари фалсафаи сиёсӣ омӯхта шудааст. Дар кори диссертатсионӣ нуктаҳои назари "Шоҳи одил" муайян гардида, муттафакирони мо сарчашмаҳои баробарии иҷтимоиро дар ноил гардидан ба адолати иҷтимоӣ мебинанд ва онро натиҷаи рушди "шуури ҷамъиятӣ", "равоншиносии ҷамъиятӣ" ва "худогоҳии ҷамъиятӣ" маънидод мекунанд. Муаллиф исбот намудааст, ки бори аввал дар таърихи фалсафа мутафакирони тоҷик ду навъи баробариро дар таълимоташон талқин намудаанд: ин баробарии одамон дар имконият ва баробарии инсонҳо ҳам дар имконият ва ҳам дар натича аст.

Вобаста ба навгониҳои дар боло зикршуда муаллифи диссертатсия ба ҳимоя масъалаҳоеро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки онҳо муносибати муттафакирони тоҷикро оид ба баробарии иҷтимоӣ таҷассум намуда, нигоҳи онҳоро ба ин мафҳум ҳамчун раванди муқаррарӣ маънидод намудааст. Хусусияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар хулосаҳои минбаъдаи таҳқиқотҳои оянда, ки масъалаҳои таърихи ақидаҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоии тоҷиконро оид ба идеали баробарии иҷтимоӣ дар ин равия баён менамояд дарҷ мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқоти аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, дар коркардиояндаи барномаҳои илмии муттахасисон, ки масъалаҳои баробариро дар соҳаҳои сиёсатшиносӣ, фалсафа, иҷтимоиёт ва таърих меомӯзанд, мавод шуда метавонанд.

Диссертатсияи Салимов А.И. "Идеали баробарии ичтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асриминагии точик" аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби аввали диссертатсия - "Баробарӣ ва адолати ичтимоӣ ҳамчун категорияхои фалсафӣ-ичтимоӣ ва инъикоси онҳо дар таълимоти динӣ ва фалсафии точикони бостон" – ба таҳқиқи хусусияти масъалаи баробарии ичтимоӣ ва ирфаи он аз нуқтаи назари мутафаккирони Шаркӣ ва Аврупоӣ бо дарназардошти раванди таърихию фалсафӣ арзёбӣ ва хулосабарорӣ гардидаанд. Аз ин лиҳоз диссертант хусусияти баробарии ичтимоиро дар оинаи ақидахои фалсафаи сиёсии мутафаккирони бостон перомуни проблемаҳои баробарӣ, озодӣ ва адолат баррасӣ намудааст. Дар кор идеали баробарии ичтимоӣ дар асоси бунёди чомеаи боадолат, нерӯи маънавӣ, умеду орзуҳои одамият дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва дар ҳаёти амалӣ татбиқ намудани ақидаҳои онҳо таҳқиқ шудааст.

Аз тарафи муаллиф идеяҳо оид ба баробарии ичтимоӣ, ки назарияи адолатпарваронаи он дар фарҳанг ва таърихи халқи точик мавчуд аст, таҳқиқ шудаанд. Дар асоси ин таҳқиқот принсипҳои баробарӣ ва адолатро дар таълимоти файласуфони точик мушоҳида намуда, идеяҳои онҳоро дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии чомеа метавон арзишманд маънидод кард.

Боби дуюми таҳқиқ - "Баррасии масъалаҳои баробарии ичтимоӣ ва адолат дар таълимоти фалсафи динии мутафаккирони асримиёнагии точик" - ба таҳқиқи андешаҳои фалсафаи сиёсии мутафаккирони ин давра пардохта, проблемаи баробарии ичтимоиро аз нигоҳи онҳо баррасӣ ва хулосабарорӣ кардааст. Вобаста ба ин дар диссертатсия ақидаҳои баробарии ичтимоӣ дар мактабҳои гуногуни фалсафӣ равияҳои динии таърихи ватанамон омӯхта шудаанд. Дар қисми асосии боби марбута ба ақидаҳои намояндагони перипатетизми Шарк - Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино тавачҷуҳ шудааст, ки дар бораи баробарии ичтимоӣ андешаҳо баён карда, ба ақидаҳои Афлотун ва Арасту такя менамуданд.

Дар бораи дин, муҳаббат ба илм идея баён намуда, онхо зинаҳои ноил шуданро ба баробарии иҷтимоӣ зери пардаи дин омӯхтаанд, чунки дин ин як раванди алоқа бо ҷомеа буд.

Дар ин боб масъалаҳои баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, ҷомеаи озоду обод, давлати дунявӣ дар ақидаҳои намояндагони тасаввуф ва мактабҳои гуногуни маънавӣ, ки пайравони онҳо Абдураҳмони Ҷомӣ, Алии Ҳамадонӣ , Кошифӣ ва Кайковус буданд, таҳкик шудааст.

Дар таҳқики илмӣ диссертант мавзуъҳои муҳимро оид ба хусусияти ҷомеаи идеалӣ дар ҳаёти тоҷикон ва дигар халқиятҳои Осиёи Миёна ва Шарқи Наздик, ки оид ба баробарӣ, озодӣ, аз байн бурдани худпарастӣ, донишомӯзӣ, тарбия, муҳаббат ба инсон, эътиқод ба илм маърази омӯзиш қарор дода, маводҳои илмиро ҳамчун маводи назариявӣ истифода бурдааст. Дар ин раванд мақсади мутафаккирони тоҷик барпо намудани ҷомеаи идеалӣ ва тасвири ҳаёти осоишта барои инсоният мебошад. Дар ақидаҳои худ онҳо муборизаи беохири баробариро зидди нобаробарӣ, адолатро зидди ноадолатӣ, некиро зидди бадӣ, илмро зидди ҷоҳилӣ ва муҳаббатро зидди нафрат дар ниҳоди одамон тасвир намудаанд. Аз нигоҳи дигар ҷомеаи идеалиро мутафаккирони тоҷик дар илм, маънавиёт, дин, иқтисодиёт ва мавқеи сиёсӣ медиданд. Аз ин лиҳоз бо нуктаи назари диссертант идеали баробарии ҷамъиятиро мо дар тараққиёт ва эҳёи инсоният таҷассум намуда метавонем.

Кори диссертатсионии Салимов А.И "Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик" таҳқиқи илмии мантиқан анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва дар раванди омӯзиш маводҳои зиёди дорои мундариҷаи фалсафаи сиёсӣ дошта, ки мазмунӣ баробариро дар ақидаҳои мутафаккирони бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик мавҷуданд, омӯхта шудааст. Диссертант дар ҷамъоварии маводҳои мавзуи илмӣ, маънидод намудан ва баҳо додан ба ақидаҳои илмии муттафакирон донишу малакаи хуб нишон додааст. Дар раванди таҳкики масъалаҳои

фалсафӣ ва илмӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва забонӣ, таҳлили саволҳои мавҷуда истеъдод ва савияи дониши худро такмил додааст.

Диссертант шахсан дар марҳилаҳои ҷамъоварии ахборот, коркард, таҳияи мақолаҳо оид ба мавзуи таҳқиқшаванда иштирок намудааст. Бо муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии байнидонишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва баромад намудааст.

Мақолаҳо ва автореферати диссертатсия дар худ муҳтавои умумии кори илмиро таҷассум намуда, ба талаботҳои воридшуда оид ба таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ҷавобгу мебошанд.

Дар асоси қайдҳои дар боло зикршуда лозим медонам, ки муаллифи кори диссертатсионӣ таҳти мавзуи "Идеали баробарии иҷтимоӣ дар фалсафаи бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик" – Салимов Аслиддин Иномҷонович ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сазовор дониста шавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**ҷонишини деректори институти Институти фалсафа,**
**сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ ба номи**
**А.Баҳоваддинов** **Зиёй Х.М.**

**Суроға:** ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33

**Mail:** kziyoev@yandex.ru

**Имзои Зиёй Х.М. – ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи АМИТ** 10.03.23 **Х. Шозедов**